30 08 2018



**30 август дар Касри миллат Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба истикболи 27 - умин солгарди Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон ба намояндагони касбу кори гуногун, аз чумла кормандони сохаи илму маориф, фархангу тандурустӣ, истехсоли мол ва хизматрасонихо, макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ва коргарону бинокорон, сохибкорон, хизматчиёни давлатӣ ва сарбозону афсарони макомоти хифзи хукуку сохторхои низомӣ, барои дастовардхои баланди истехсолию сохибкорӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, сахми арзанда дар рушди илму фарханги мамлакат, тахкими сулху дӯстӣ ва хамкорӣ байни халкхо мукофотхои давлатӣ, рутбахои баланди низомӣ ва унвону чоизахои давлатӣ супурданд.**

Кабл аз огози маросими супурдани мукофотхои давлатӣ Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон хамаи хозиронро ба муносибати фарорасии Чашни 27-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон ва сарфароз гардиданашон бо мукофотхои давлатӣ, чоизахо ва рутбахо самимона табрик гуфтанд. Сарвари давлат иброз доштанд, ки мо ба шарофати вахдату сарчамъии халки точик хар як хиштро барои бунёди ин давлат бо дастони худ гузоштаем. Хар як амали созандаи мо ин ояндаи худи мо, ояндаи фарзандони мо ва наслхои ояндаи халкамон мебошад. Таъкид гардид, ки рохбарияти давлат ва Хукумати мамлакат хама гуна амалхои созандаро истикбол намуда, барои дастовардхо ва хизматхои шоён подоши мувофикро дарег намедорад. Сарфарозгардонӣ бо мукофоти давлатӣ шакли олии кадрдонӣ мебошад.      Имрӯз дар маросими навбатии супурдани мукофотхои давлатӣ омӯзгорону табибон, ахли фархангу санъат, коргарону сохтмончиён, сохибкорон ва хизматчиёни

давлативу харбӣ буданд, ки дар сохахои гуногун бо садокат ба давлату миллат захмат мекашанд.
Президенти мамлакат аз сахми шахсии хар як нафари сохиби мукофоти давлатӣ гардида дар пешрафти кишвар дар даврони 27 соли сохибистиклолӣ андешаронӣ карда, изхори умед намуданд, ки мардуми кишвар 30 - солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистонро бо дастовардхои аз ин хам арзанда истикбол мегиранд.
Бо Фармони Президенти Чумхурии Точикистон ин навбат ба ифтихори Чашни 27 - умин солгарди Истиклолияти давлатӣ ба фаъолони кишвар ордени “Зарринточ” дарачаи 2, ордени “Дӯстӣ”, ордени “Шараф" дарачаи 2, унвонхои фахрии “Хунарпешаи халкии Точикистон”, Арбоби илм ва техникаи Точикистон, "Хунарпешаи шоистаи Точикистон", "Корманди шоистаи Точикистон", медали “Хизмати шоиста”, Ифтихорномаи Чумхурии Точикистон, ордени “Спитамен” дарачаи 2, ордени “Шараф” дарачаи 2, медали “Часорат”, медали “Марзбони шучои Точикистон”, ба хизматчиёни макомоти хифзи хукуку тартибот, мудофиа, амният, суд ва агентихо рутбахои харбии навбатӣ, дарачавӣ ва махсус, ба олимони чавон Чоизаи Президенти Чумхурии Точикистон дар сохаи маориф дар соли 2018, Чоизаи давлатии Чумхурии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар сохаи илм ва техника дар соли 2018 ва Чоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2018 такдим карда шуданд.
Бо Фармони Президенти Чумхурии Точикистон барои фаъолияти арзандаву самаранок дар макомоти махаллии хокимияти давлатӣ Рустами Эмомалӣ - раиси шахри Душанбе бо ордени “Зарринточ” дарачаи 2 сарфароз гардид.
Бо Фармони Президенти Чумхурии Точикистон, инчунин, дигар фаъолони касбу кори гуногун бо мукофотхои давлатӣ кадршиносӣ гардиданд. 1 нафар бо ордени “Дӯстӣ”, 10 нафар бо ордени “Шараф” дарачаи 2, 1 нафар бо унвони фахрии “Хунарпешаи халкии Точикистон”, 1 нафар бо унвони фахрии “Арбоби илм ва техникаи Точикистон”, 2 кас бо унвони фахрии “Хунарпешаи шоистаи Точикистон”, 18 нафар бо унвони фахрии “Корманди шоистаи Точикистон”, 64 нафар бо медали “Хизмати шоиста”, 4 нафар бо “Ифтихорномаи Чумхурии Точикистон” кард шуданд.
Барои хизмати намунавӣ ва сахми арзанда дар таъмини хифзи хукукхои конститутсионии шахрвандон, мубориза бо чинояткорӣ, нигохдории тартиботи чамъиятӣ ва часорату фидокорӣ кормандони макомоти хифзи хукук, хокимияти судӣ ва хизматчиёни харбӣ - 4 нафар бо ордени “Спитамен” дарачаи 2, 5 нафар бо ордени “Шараф” дарачаи 2, 12 нафар бо медали “Часорат”,10 кас бо медали “Хизмати шоиста” ва 1 нафар бо медали “Марзбони шучои Точикистон” кадр гардиданд.  19 нафар бо рутбахои харбии навбатӣ, дарачавӣ ва махсус, аз кабили генерал -  полковники хизмати дохилӣ, генерал - майори гвардия, мушовири давлатии адлияи дарачаи 2, генерал - лейтенанти адлия, генерал - лейтенанти милитсия, 2 нафар бо рутбаи генерал - лейтенант, 4 нафар бо рутбаи генерал - майори милитсия, генерал - майори хизмати назорати маводи нашъаовар, генерал -  майори адлия, мушовири давлатии адлияи дарачаи 3, генерал - майори адлия ва 3 нафар бо рутбаи навбатии генерал – майор сазовор шуданд.
Бо Амри Президенти Чумхурии Точикистон 5 нафар бо Чоизаи Президенти Чумхурии Точикистон дар сохаи маориф дар соли 2018, 3 нафар бо Чоизаи давлатии Чумхурии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар сохаи илм ва техника дар соли 2018 ва 12 нафар бо Чоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2018 кадр гардиданд.
Дар анчоми маросими бошукӯхи мукофотсупорӣ Асосгузори сулху вахдати миллӣ -

Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бори дигар хамаи нафароне, ки барои фаъолияти пурсамар дар рохи рушду пешрафти чомеа аз чониби рохбарияти давлату Хукумати мамлакат бо мукофотхои олии давлатӣ кадрдонӣ шуданд, ба ифтихори Чашни бистухафтумин солгарди Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон табрик гуфта, ба онхо саломативу сарбаландӣ ва барори кор орзу карданд. Пешвои миллат бо итминон иброз доштанд, ки хамаи онхо дар оянда низ тамоми донишу тачрибаи худро барои ободии кишварамон, пойдории сулху суботи чомеа, сахмгузорӣ дар пешрафти иктисодиёти кишвар ва дигар хадафхои  бунёдкорона равона месозанд.